**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, д.и.т. кафедраи эпидемиологияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Усманова Г.М. ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи эпидемиология Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич «Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 - эпидемиология**

Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич, соли таваллудаш 1986, дар соли 2009 факултети тибби умумии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синоро хатм кардааст.

Соли 2009 ба интернатура дар пойгоҳи кафедраи травматология ва ортопедия ва ҷарроҳии ҳарбӣ-саҳроии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуд. Баъди хатми интернатура дар Маркази ҷумҳуриявии клиникии травматология ва ортопедия ба ҳайси табиби травматолог ба кор шурӯъ кард ва то имрӯз дар ин ҷо фаъолият карда истодааст. Дар моҳи сентябри соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуд.

Дар давоми таҳсил дар аспирантура Давлатов Ҳ.С. худро корманди босавод, меҳнатдӯст ва бовиҷдон нишон дод. Диссертатсияи Давлатова Х.С. ба масъалаи пешгирии сироятҳои дохилибеморхонагӣ (СДБ) дар статсионарҳои травматологӣ бахшида шуда, мақсади асосии он такмил додани комплекси чорабиниҳои назорат ва пешгирӣ намудани сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ мебошад.

Таҳқиқотҳои сершумори дар ин самт гузаронидашуда, ки ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам дар хориҷи кишвар анҷом дода шудаанд, аз паҳншавии густурдаи СДБ ва аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодиву тиббии онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ин зарурати идома додани пажӯҳишҳо дар ҷанбаҳои гуногуни пешгирии онро тақозо мекунад, ки муҳимтарини онҳо санитарӣ-микробиологӣ ва эпидемиологӣ ба ҳисоб меравand, зеро

ическая, то имрӯз муносибати ягонаи комплексӣ ва ҳаллу фасли он мавҷуд нест.

Шуъбаҳои беморхона бо протсессҳои махсуси бемориҳо, дар онҳо мавҷуд будани сарчашмаи доимии сироят, паст шудани қувваи иммунии организми беморон- ҳамаи ин ғамхориҳои асосии кормандони тибро оид ба пешгирӣ намудани пайдошавии СБД ташкил медиҳанд.

Зуҳуроти нисбатан шадидтари хуруҷҳои СБД дар статсионарҳои соҳаи ҷарроҳӣ ва травматологӣ ба мушоҳида мерасад: суръати баланди пайдошавӣ ва такмили намудҳои муосири ёрии ҷарроҳӣ ва травматологӣ ба беморон, таъсис ёфтани воситаҳои нави тиббӣ (табобативу ташхисӣ) – ҳамаи ин ва дигар омилҳо хатари паҳншавии сироятро дар байни беморон ва кормандони статсионарҳои ҷарроҳӣ ва травматологӣ қувват мебахшанд.

Ҷарроҳиҳои реконструктивӣ- барқарорсозии беморон дар бемории травматологӣ кори заҳматталаб ва протсесси бисёрмарҳилаи технологӣ мебошад. Табобати комплексӣ амалиётҳои ҷарроҳӣ, табобати антибактериалӣ, инфузионӣ-трансфузионӣ, медикаментозӣ, усулҳои муосири табобати мавзеиро дар бар мегирад.

Ҳар як самти профилактикаи СБД як қатор чорабиниҳои мушаххаси санитарӣ-гигиенӣ ва зиддиэпидемикиро пешбинӣ мекунад, ки бо мақсади бартараф сохтани роҳҳои мушаххаси интиқоли агенти сироят ба дохили статсионар амалӣ карда мешаванд. Ин ҳам нигоҳдории санитарии дохили бино, таҷҳизот, беҳдошти шахсии беморон, ҳамчунин корҳои дезинфексионӣ, талаботи зиддиэпидемикии коркард ва стерилизатсияи ашёҳои марбут ба таъйиноти тиббро дар бар мегирад.

Кор дар статсионарҳои профили ҷарроҳӣ чунон ташкил карда шудааст, ки кормандони тиббӣ ҳангоми иҷрои фаъолияти касбии худ бояд ба воридшавии СДБ дар байни беморон, ҳам спорадикӣ ва ҳам гурӯҳӣ роҳ надиҳанд.

Дар робита аз ин мақсади таҳқиқоти мо ошкор сохтани хусусиятҳои эпидемикии СДБ дар статсионарҳои травматологӣ бо коркарди тавсияҳо ҷиҳати такмил додани чорабиниҳои мубориза ва профилактикаи онҳо ба ҳисоб меравaнд.

Диссертант Давлатов Ҳ.С. асоснок кардани мубрамии проблемаҳои таҳқиқот, мақсади таҳқиқотро вазифаи худ интихоб карда, барои расидан ба ҳадаф ҳаллу фасли **5 вазифаи муносибро** интихоб кардааст. Асоситарин вазифаи диссертант омӯхтани гардиши микроорганизмҳо дар шуъбаҳои гуногуни статсионарҳои травматологӣ ва сохтори этиологии сироятҳои фасодӣ- сепсисӣ дар беморони травматологӣ; муайян кардани сатҳ ва сохтори бемории СДБ дар беморони травматологӣ ва коркарди комплекси чорабини профилактикаи сироятҳо дар статсионарҳои травматологӣ мебошанд.

Бо назардошти вазифаҳои дар наздамон гузошташуда, таҳти роҳбарии ман таҳқиқот оид ба омӯзиши сатҳ ва сохтори СДБ дар статсионарҳои травматологӣ, омӯзиши хусусиятҳои эпидемиологии онҳо, роҳҳо ва омилҳои интиқол ва коркарди комплекси чорабиниҳои профилактики СДБ дар статсионарҳои травматологӣ анҷом дода шуд.

Диссертант дар сатҳи эпидемиологӣ ва микробиологӣ ҳаҷми бузурги корҳоро андодааст, ки ба қадри кофӣ эътимоднокaнд, амиқан далелнок ва дорои асосҳои эксперименталӣ ҳастанд. Таҳқиқот ватаҳлилҳои натоиҷи ба дастовардашударо диссертант мустақилона анҷом додаст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, кори диссертатсионии Давлатов Ҳ.С.-ро, ки ба ошкор кардани хусусиятҳои эпидемиологии пайдошавӣ ва шароити мусоидаткунандаи паҳншавии СДБ дар статсионарҳои травматологӣ ва такмил додани чорабиниҳо ҷиҳати мубориза ва пешгирии СДБ актуалӣ ҳисобидан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот қисман дар конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, (2013, 2014), дар Конгресси II

Евроосиёгӣ съезди II (Конгрессе)-и травматолог-ортопедҳо дар Қирғизистон (2011), дар конференсияи илмӣ-амалии травматолог-ортопедҳо ва нейроҷарроҳони вилояти Суғд бо иштироки намояндагони байналмилалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои актуалии травматологя ва ортопедия ва осебҷарроҳӣ», ш. Хуҷанд (2015), дар конференсияи илмӣ-амалии травматолог-ортопедҳои вилояти Хатлон бо иштироки намояндагони байналмилалӣ, ш.Кӯлоб (2016), гузориш шуда, сазовори баҳои баланд гаштаанд.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда оид ба профилактикаи сироятҳои нозокомиалӣ дар статсионарҳои травматологӣ тавсияҳои методӣ таҳия шуда, пешниходҳои ратсионализаторӣ оид таъйид ва татбиқи дезинфектантҳо ва антисептикҳои навдар статсионарҳои травматологӣ (№ 3613/R664 аз 15.02.с.2018; № 3621/R672 аз 15.02.с.2018) ба даст оварда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии табобатӣ-профилактикӣ, санитарӣ-эпидемиологии муассисаҳои ҷумҳурӣ, фаъолияти амалии шуъбаҳои травматологии ш. Душанбе мавриди истифода қарор гирифтаанд, ҳамчунин дар раванди таълимӣ-методии кафедраҳои эпидемиология, микробиология, иммунология ва вирусология, гигиена, травматология ва ортопедияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино истифода карда мешаванд.

Микдори корҳои илмии нашршудаи Давлатов Ҳ.С. -38 адад аст, ки 26 адади онҳо мувофиқи мавзӯи диссертатсияи номзадии муаллиф аст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло кори диссертатсионии Давлатов Ҳабибулло Сайфуллоевич «Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои дохилибеморхонагӣ дар статсионарҳои травматологӣ ва оптимизатсияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бинобар актуалӣ будан, навгонӣ доштан, саҳми он дар назария ва амалияи нигоҳдории

тандурустии кишварамон таҳқиқоти ба анҷомрасида ва ба пункти 4 банди 1, пункти 163 банди 10-и Низомномаи намунавии шӯроҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ ҳисобида, барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 010 МТД «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» пешниҳод карда мешавад, диссертатсия ба талаботи барои диссертатсияҳои довталаби номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – эпидемиология пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои тиб,**
**кафедраи эпидемиологияи**
**МТД «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»** **Усманова Г.М.**

Донишгоҳи Давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино * ШӮЪБАИ КАДРҲО

Имзои Усманова Г.М.-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
"25" 09 2020 с.